## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзӯи «Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология). Душанбе, 2024.**

Ҷашну маросимҳои мардумӣ баробари дигар унсурҳо муаррифгари фарҳанги маънавии ҳар халқу миллат ба ҳисоб меравад. Ҳоло ҳам бисёре аз хусусиятҳои хоси маросимҳо ва анъанаҳои тоҷикони кӯҳистон ба таври пурра омӯхта нашудаанд, ки ин барои олимони даврони истиқлоло имконияти хубе барои таҳқиқот, саҳмгузори дар илми навини кишвар ва кушодани иқтидориилмии хеш мебошад.

Омӯзиши ҷашну маросимҳои тақвимӣ – анъанавии тоҷикони Рушон мавзуи мубрам мебошад ва он имконият медиҳад, ки тамоми сарчашмаву маводи илмӣ роҷеъ ба масъалаи мазкур дар доираи як диссертатсия ба риштаи таҳлили илмӣ кашида шаванд.

Аз автореферати диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна бармеояд, ки ба таҳқиқ ва инъикоси масъалаи ҷашну маросимҳои анъанавии тоҷикони Рушон бахшида шуда, аҳаммияти калони илмӣ ва амалӣ дорад. Диссертатсияи мазкур дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ, таҳқиқоти антропологҳо, хулосаи олимони даврони Шуравӣ ва муосир, олимони ватаню хориҷӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроии худи муаллиф омода гардидааст.

Мундариҷаи асосии корро таҳлили масъалаҳои ҷашну маросимҳо – тақвими анъанавии мардуми Рушон, соли нав, ҷашнҳои оилавӣ, маросимҳо оид ба таваллуди кӯдак, сури арусӣ, маросимҳои кишоварзию озодорӣ фаро гирифтаанд.

Ба назари мо таҳқиқоти мазкур кори илмие мебошад, ки бори аввал дар шакли мукаммал масъалаҳои ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии рушониёнро дар он мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Дар автреферат ба дисертатсия ишора шудааст, ки дар он назар ва андешаҳои муҳаққиқони мухталиф оид ба масъалаи мазкур ҷамъоварӣ ва таҳлил шудаанд, ки нахустин иқдом дар самти шиносоии бештар бо ҷашну маросимҳо ва анъанаҳои тоҷикони Рушон маҳсуб мешаванд.

Аз назари мо, диссертант ҳангоми навиштани рисолаи диссертатсионӣ тавонистааст дониши амиқ ва ҳаматарафаро аз рӯйи

мавзӯи интихобкардааш зоҳир намояд, худро ҳамчун муҳаққиқи ташаккулёфта нишон диҳад, мустақилона корҳои илмӣ-таҳқиқотиро пеш барад, эҷодкорона бо сарчашмаҳо корбарӣ намояд. Дар баробари ин, ӯ дорои тафаккури таҳлилӣ буда, истеъдоди аз назари танқидӣ дарк кардани равандҳои таърихиро дорад.

Бешак, рисолаи диссертатсионии Дарвозиева Ҳ.Ш. таҳқиқоти илмии анҷомёфта ҳисобида шуда, норасоии марбутаи илмиро дар таърихнигории ватанӣ, махсусан, доир ба омӯзиши ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикон пурра менамояд ва, аз ин рӯ, на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки амалиро низ доро мебошад.

Хулосаи автореферати диссертатсия бо фикриҳои ҷамъбастии муҳаққиқ оиди мавзуъ овардашуда ва пешниҳоду тавсияҳои ӯ қобили қабул мебошанд.

Муҳаққиқ тавонистааст, ки аз уҳдаи ҳалли вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот бо сарбаландӣ барояд.

Сохтор ва мухтавои асосии автореферати диссертатсияи Дарвозиева Ҳ.Ш.«Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон» мувофиқи талабот ва меъёрхои муайянгардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардида, ҷавобгӯи меъёрхои муайянгардидаи он мебошад.

**Муқарриз,** номзади илмҳои таърих,
дотсенти кафедраи таърих ва робитаҳои
байнифарҳангии Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба
номи Сотим Улуғзода **Аслонов Ҳошимҷон Зиёмиддинович**

**Имзои номзади илмҳои таърих,**
**дотсент Ҳ.З. Аслоновро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода** **Юсупова Б.Ғ.**

«30» ____04______ 2024 с.

**Маълумот барои тамос:** 734009, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Муҳаммадиева 17/6. Тел.:(+99237) 232-50-03; 232-50-05 Почтаи электронӣ: dbzht@dbzht.tj